«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
Ибодуллозода А.И. ____________
аз «04» 04 соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - Биохимия дар кафедраи биохимия ва генетикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Азизӣ Нигора Насрулло соли 2018 ба ихтисоси биология-химияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2021 хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 19.11.2021 с. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи биохимия ва генетика қабул карда шудааст.

Роҳбари илмии Азизӣ Нигора Насрулло номзади илмҳои биологӣ, мудири озмоишгоҳи клиникии ПИТ “Институти гастроэнтеролгияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Шамсудинов Шабон Наҷмудинович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 30.09.2022, қарори №2/5,1(б) тасдиқ шудааст.

Азизӣ Нигора Насрулло интиҳонҳои номзадии худро ғайри ихтисос, аз рӯйи ихтисос бо баҳои хубу аъло супоридааст.

Диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи биохимия ва генетика аз 02.04.2025, №3 муҳокима гардидааст.

Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон номзади илмҳои биология Амонов Бегиҷон Пулодович, мудири шуъбаи озмоишгоҳи МД “Маркази тиббии шаҳрии №2 ба номи академик К. Тоҷиев” ва Ваҳобов Алиҷон Ахтамович, номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи анатомия ва физиологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия: Банди 2. Биохимияи сафедаҳо. Протеомика. Муҳандисии сафеда. Биологияи сохторӣ; Банди 6. Биохимияи карбогидратҳо. Сохтор, хосият ва вазифаҳои карбогидратҳо; Банди 11. Равандҳои биохимиявӣ /метаболикӣ/ энергетикӣ дар ҳуҷайра ва узвҳо. Метаболомика; Банди 13. Хусусиятҳои биохимиявии фаъолияти системаҳои ҳуҷайра дар шароити таъсири стресс мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мавзуи диссертатсия ба Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 алоқамандӣ дорад. Банди 2. Зербанди 24. Мубориза бо бемориҳои сироятӣ баланд бардоштани иттилоотонии аҳолиро оид ба пешгирии сироятҳои бо ваксина идорашаванда, зуком ва дигар сироятҳои респираторӣ, инчунин бемориҳои сироятии нави пайдогардида бо роҳи таъмин кардани дастрасии аҳолӣ бо маълумоти босифату саҳеҳ ва ташкил намудани омӯзиш дар заминаи байнисоҳавӣ тақозо менамояд. Банди 8. Вазъи эпидемиологӣ. Зербанди 33. Дар амалигардонии чораҳои ҷавобии зиддиэпидемикӣ, пешгирикунанда ва ҳатто чораҳои маъмурии қатъӣ ҳангоми пандемияи сирояти коронавирус маълум гардид, ки бе иштироки фаъоли аҳолӣ, тамоми чораҳои қабулшуда камтаъсир боқӣ монда, хароҷоти маблағҳои зиёдро тақозо менамояд.

Таҳлилу баррасии оид ба тағйиротҳо дар нишондодҳои лаборатории беморони дучори COVID-19 собит намудааст, ки ҳарчанд дар робита ба мавзуи мазкур аз тарафи олимон таҳқиқотҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд, вале ҳанӯз барои ташхису табобати самараноки беморони COVID-19 таҳлили амиқ ва ҳаматарафа гузаронидан зарур аст. Бахусус таҳлили нишондиҳандаҳои газҳои хун, таҳлили клиникӣ ва биохимиявии хун, лахташавии хун, формулаи лейкотситӣ бо мақсади муайян намудани дараҷаи вазнинии беморӣ, чораандешии саривақтии оризаҳо ва пешгуии оқибатҳои беморӣ муҳим шуморида мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муаллифи кори диссертатсионӣ дар тамоми зинаҳои таҳқиқот: таҳлилу тавсифи адабиёти илмӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои лабораторӣ, хулосабарорӣ ва омода намудани матни диссертатсия бевосита саҳм дорад.

Диссертатсия дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» ба ихтисоси Биохимия мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни 2023, №295 “дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ” тасдиқ шудааст, аз рӯйи ихтисос мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз 148 саҳифаи чопи буда, аз муқаддима, 4 боб, 15 зербоб, хусола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионии Азизӣ Нигора Насрулло 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. **Мақолаҳои илмие**, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Азизова Н.Н. Изменение периферической крови при заражении коронавирусом / Н.Н. Азизова, Ш.Н. Шамсудинов // Журнал “Здравоохранение Таджикистана”, №4.- 2021., С.23-28.

2. Азизова Н.Н. Фаъолияти ҷигар ҳангоми сироятёби бо вируси тоҷдор. / Н.Н. Азизова, Ш.Н. Шамсудинов // Илм ва фановарӣ. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. №2.- 2023. С.18-22.

3. Азизова Н.Н. Система свертования крови при заражении Коронавирусом (SARB-COV 2) / Н.Н. Азизова, Ш.Н. Шамсудинов // Известия национальной академии наук Таджикистана. № 2.- 2022. С.38-42.

4. Азизова Н.Н. Газҳои таркиби хуни шараёнӣ ва электролитҳо дар беморони дучори COVID-19. / Н.Н. Азизова, Ш.Н. Шамсудинов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ.- 2024.- №2-3. (22-23).- С. 129-137.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Азизова Н.Н. Тағйиротҳои нишондодҳои лабораторӣ ҳангоми сирояти вируси тоҷдор. / Н.Н. Азизова, Ш.Н. Шамсудинов // Маводи конференсияи минтақавии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Дастоварди Истиқлол». Кӯлоб.-2021. С.27-30.

2. Азизова Н.Н. Омӯзиши системаи лахташавии хун дар беморони бо вируси тоҷдор сироятёфта / Н.Н. Азизова, Ш.Н. Шамсудинов // Маводи конференсияи минтақавии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Дастоварди Истиқлол».- Кӯлоб-2021. С.30-34.

3. Азизова Н.Н. Медицинская реабилитация пациентов, перенесших новую коронавирусную инфекцию / Н.Н. Азизова, Ф.П. Магзумова, З.А. Азиззода // Материалы международной научно-практической конференции “Состояние геронтологического обслуживания и вопросов инвалидности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения”.- Душанбе - 2021.- С. 62-64.

4. Азизова Н.Н. Состояние больных старческого возроста в период реабилитации пациентов, переносяших новую коронавирусную

инфекцию / Н.Н. Азизова // Журнал “Медицинская сестра и акушерка”, №4.-2021.- С.14-15.

5. Азизова Н.Н. Норасоии электролитҳо дар заминаи сироятёбӣ бо COVID-19. / Н.Н. Азизова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии МДТ “Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Р.А.” (V-солона) «Масъалаҳои мубрами таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ». ш. Кӯлоб. -2024 с. С. 24-29.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия кори ҳақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи биохимия ва генетика 02.04.2025, №3 қабул гардидааст:

Иштирок дошт: ҳамагӣ 24 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” 24 нафар, “зид”- нест, “бетараф” нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи биохимия
ва генетика, номзади илмҳои биологӣ — Сафармади Мирзоалӣ

**Котиби ҷаласа:** ассистент — Каримзода Марворид

Имзоҳои Сафармади М. ва
М. Каримзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.
02.04.2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: +992 (37) 224 13 83
E- mail: info@tgpu.tj
4 апрели соли 2025.